**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба авторефирати диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзуи «Институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Дар замони имрӯза бинобар сабаби зиёд гардидани аҳолӣ боис ба он гардидааст, ки хизматрасонии коммуналӣ рушд дода шавад. Аз ин нуқтаи назар дар Ҷумҳурии Тоҷикитон низ нисбат ба масъалаи мазкур диққати махсус нигаронида шудааст.

Бояд қайд намуд, ки татбиқгардии консепсияи илмии муосири танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии коммуналӣ ба қадри имкон заминаи асосии ташаккулёбии соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ маҳсуб мегардад. Бо вуҷуди ин, тайи солҳои ислоҳот дар ин соҳа тағйиротҳои ҷиддии мусбӣ ба вуҷуд наомаданд. Хоҷагидории коммуналӣ ҳанӯз бо мавҷуд набудани муносибатҳои назарраси иқтисодӣ ва сифати басо пасти хизматрасониҳои пешниҳодшаванда, мавқеи ҳукмфармоии ташкилотҳои захиратаъминкунанда ва аз ҳамдигар ҷудо будани заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасонии коммуналиро танзимкунанда баҳо дода мешавад.

Бинобар ҳамин, таҳқиқи масъалаи шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ ва паҳлуҳои дигари он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз пеш мубрам мебошад.

Хизматрасонии коммуналӣ вобаста аз иштироки сохторҳои миёнарав дар фаъолият тасниф карда мешаванд:

1. Хизматрасонии коммуналии бевосита аз ҷониби соҳибмулкони мазилҳои истиқоматӣ бадастоварда;
2. Хизматрасонии коммуналии ба воситаи ширкати соҳибмулкони манзил, кооперативҳои манзилии шаҳрвандон, кооперативҳои манзилӣ-коммуналӣ ва ташкилотҳои идоракунанда бадастоварда.

Мутобиқи м. 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи нигоҳдории биноҳои бисёрхонагӣ ва ширкати соҳибмулкони манзил» дар ҳолати бевосита аз ҷониби соҳибмулкони манзил идора гардидани молу мулки умумӣ шартномаҳои хизматрасонии коммуналӣ аз ҷониби ҳар як соҳибмулки манзил бо корхонаҳо ва ташкилотҳои хизматрасонии коммуналӣ баста мешавад.

Соҳибмулкони манзил ҳуқуқ доранд дар бораи супоридани идоракунии бинои бисёрхонагӣ ба ширкати соҳибмулкони манзил ё ташкилоти идоракунанда қарор қабул кунанд. Шартномаи идоракунии молу мулки умумии соҳибмулкони манзил дар бинои бисёрхонагӣ бо роҳи тартиб додани як ҳуҷҷати аз ҷониби тарафҳо имзошуда, баста мешавад. Боиси таваҷҷуҳ аст, ки таърифи мафҳуми шартномаи идоракунии бинои бисёрхонагӣ на дар Кодекси манзили ҶТ ва на дар қонунгузорӣ дар бораи нигоҳдории биноҳои бисёрхонагӣ ва ширкати соҳибмулкони манзил оварда нашудааст. Илова бар ин, қобили қайд аст, ки танзими маданӣ-ҳуқуқии шартномаи мазкур ба таври кофӣ шарҳ дода нашудааст ва оид ба масъалаи мазкур дар боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлилҳо анҷом дода шуда, доир ба такмили қонунгузорӣ дар ин соҳа таклифу пешниҳодҳо манзур карда шудааст.

Хизматрасонии коммуналӣ вобаста аз намуди манзилҳои ба онҳо хизматрасонанда тасниф карда мешавад ба:

1. Хизматрасонии коммуналии манзилҳои истиқоматӣ.

2. Хизматрасонии коммуналии манзилҳои ғайриистиқоматӣ.

Хизматрасонии коммуналӣ вобаста аз давомнокии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ ҷудо мешавад ба:

1. Хизматрасонии коммуналии тамоми сол пешниҳодкунанда.

2. Хизматрасонии мавсимии коммуналӣ.

Ба намудҳои хизматрасонии коммуналии тамоми сол пешниҳодкунанда обтаъминкунӣ ва рафъи оби партов, барқтаъминкунӣ, газтаъминкунӣ тааллуқ доранд.

Намуди мавсимии хизматрасонии коммуналӣ таъмини нерӯи гармӣ мебошад.

Оғози интиқоли нерӯи гармӣ вобаста аз оғози давраи гармидиҳӣ гузошта мешавад.

Шартҳои муайянкунии санаи оғоз ё итмоми давраи гармидиҳӣ, инчунин санаи оғоз ё итмоми давраи гармидиҳӣ аз ҷониби соҳибмулкони манзил дар бинои бисёрхонагӣ ё соҳибмулкони биноҳои манзилӣ дар сурати мавҷуд будани шабакаҳои мухтори гармидиҳӣ дар ин бино мустақилона муқаррар карда мешаванд.

Аз гуфтаҳои болозикр бармеояд, ки институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ яке аз масъалаҳои умдаи ҷомеаи имрӯза ба ҳисоб рафта, омӯзиши пурра ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Ба ин минвол, ба роҳ мондани як қатор чораҳои судманд ва зарурӣ дар ин самт, ки метавонад роҳи ҳалли камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта шавад, инчунин бахри боз ҳам ривоҷу равнақ бахшидани соҳаи мазкур таъсири мусбат мерасонад. Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Атаев А.С мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ фаро гирифта, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи дахлдор иҷро намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале новобаста ба ин, баъзе масъалаҳое дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд.

1. Дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда таъкид гардидааст, ки “Ҳама шартномаҳои пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ бо як хусусияти муттаҳидкунанда – хусусияти техникии иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ, яъне таъмини захираҳои коммуналӣ тавассути шабакаи пайваста муайян карда мешаванд”. Аммо нисбати нуктаи мазкур пурра маълумот дода нашудааст.

Гуфтаҳои болозикр ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духурагиро ба миён наоварда, баръакс васила и пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамояд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзуи «Институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи

гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи
байналмилалии факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Мирзоев А.М.

Имзои А.М.Мирзоевро
тасдиқ менамоям.
Сардори РК ва КМ ДМТ
“04” 04 2025с Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17,
телефон: (+992 -37) 221-62-25;
(+992 -37) 227 -15-10;
Факс: (+992-37) 227-15-10 E-mail: mfo@tnu.tj